# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи доктории Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)» дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи мукаммали илмӣ дар бораи хусусиятҳои грамматикӣ ва сохтории ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ мебошад.

Боби аввали диссертатсия **«Хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ»** ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Дар фасли якуми ин боб зери унвони “Масъалаҳои назариявии таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии умумӣ” масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои сода мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд. Таъкид гардидааст, ки дар таърихи омӯзиши илми наҳв се равияи забоншиносӣ: мантиқӣ-грамматикӣ, равоншиносӣ, грамматикаи шаклӣ мавҷуд аст ва андешаҳои назариявии ин равияҳо барои баҳси доманадори наҳв, аз ҷумла шинохти ҷумлаҳои сода сарчашмаи муҳим арзёбӣ мешавад.

Фасли дуюм «Масъалаҳои назариявии таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик» ном дорад ва дар робита ба таҳқиқи ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик баҳс мекунад.

Фасли сеюм «Меъёрҳои таснифи сохтории ҷумлаҳои сода» унвон дорад ва дар баробари махсусияти ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои сода дар ин фаслҳо дар заминаи маводи насри адабиёти муосир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли чорум «Майдони наҳвӣ ва муносибати парадигмативӣ дар наҳвиёти ҷумлаи сода» ва фасли панҷум «Тарҳи шартии сохтори ҷумлаи сода» унвон доранд ва дар ин фаслҳо мутаносибан дар робита ба майдони наҳвӣ ва муносибати парадигмативӣ дар ҷумлаи сода ва тарҳи шартии сохтори ҷумлаи сода таҳқиқ сурат гирифтааст.

Боби дуюми рисола **«Хелҳои ҷумлаи сода аз нигоҳи сохту таркиб дар забони муосири тоҷикӣ»** унвон дошта, аз ҳафт фасл иборат мебошад ва ба баррасии ҷумлаҳои содаи яктаркибаи номӣ, ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс, ҷумлаи содаи яктаркибаи номуайяншахс, ҷумлаи содаи яктаркибаи умумишахс, ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахс, ҷумлаи содаи дутаркиба, ҷумлаи содаи пурра ва нопурра бахшида шудааст.

Боби сеюми рисола **«Хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи мақсади гуфтор дар забони муосири тоҷикӣ»** ном дошта, аз панҷ фасл иборат мебошад ва

ба баррасии хелҳои ҷумлаи сода аз рӯйи мақсади гуфтор, ҷумлаи содаи ҳикоягӣ (хабарӣ), ҷумлаи содаи саволӣ, ҷумлаи содаи амрӣ, ҷумлаи содаи хитобӣ ва ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ, ҳамчунин роҳҳои ифодаи онҳо дар насри бадеӣ бахшида шудааст.

Боби чоруми рисола **«Нақш ва ҷойгоҳи аъзоҳои ҷумлаи сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ»** ном дошта, дар даҳ фасли ин боб ва зерфаслҳои он дар робита ба сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла, ҷумлаи содаи чидааъзо, мубтадоҳои чидаи ҷумлаи сода, хабарҳои чидаи ҷумлаи сода, муайянкунандаҳои чидаи ҷумлаи сода, пуркунандаҳои чидаи ҷумлаи сода ва ҳолшарҳкунандаҳои чидаи ҷумлаи сода ва корбурди онҳо дар насри бадеии адабиёти муосир таҳқиқ сурат гирифтааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ба назар мерасад, ки бори нахуст махсусиятҳои ҷумлаҳои сода дар насри бадеӣ ва публитсистии адибони муосир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҷумлаҳои сода, навъҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг, аз ҷиҳати иштироки сараъзоҳо, ҷумлаҳои пурра ва нопурра, аъзоҳои пайрави ҷумла, ҷумлаҳои чидааъзо, воситаи алоқаи грамматикӣ дар ҷумлаҳои чидааъзо, ифодаи сараъзоҳо ва аъзоҳои ҷумла бо ҳиссаҳои нутқ мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия роҳҳои ифодаи сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав муайян карда шудааст. Масъалаи таснифоти ҷумлаҳои сода, роҳҳои ифодаи сараъзоҳо ва нақши воситаҳои алоқаи грамматикӣ муайян гардида, андешаҳои муҳаққиқон дар хусуси ҷумлаҳои сода, хелҳои онҳо, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла, ҷумлаҳои пурра ва нопурра, ҷумлаҳои чидааъзо тақвият ва бознигарӣ шудаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ метавонад дар омӯзиш ва таҳлили минбаъдаи масъалаҳои муносибатҳои маъноию грамматикӣ дар ҷумлаҳои сода, таҳаввулот ва ҷараёни инкишофи минбаъдаи ҷумлаҳои сода, таълими фанни забони адабии тоҷикӣ дар мактабҳои миёна ва олӣ, таълими забони тоҷикӣ ба ҳавасмандони фарогирии забони тоҷикӣ (ғайриточикон), масъалаҳои омӯзиш, таҳқиқу таълими услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ мусоидат намуда, маводи таҳлилнамудаи муҳаққиқ дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ, гузаронидани курсу семинарҳои махсус оид ба наҳви забони тоҷикӣ ба таври васеъ истифода шавад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар заминаи омӯзиши маводи муҳимтарин асарҳои насри муосири тоҷик, аз ҷумла асарҳои насрӣ ва публитсистии С.Айнӣ, асарҳои С.Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, С. Турсун, Б. Фирӯз, А. Самад ва диг. ҷойгоҳи ҷумлаҳои сода ва вижагиҳои сохторию маъноии онҳоро мавриди таҳқиқ ва таҳлилу

баррасӣ қарор додааст. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро инчунин дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ таъид мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 3 монография, 36 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 28 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи докторант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднок буда, пеш аз ҳама, ба таъини истифодаи ҷумлаҳои сода дар насри муосири тоҷик, роҳҳои ифодаи сараъзоҳо ва аъзои пайрав, нақши воситаҳои алоқаи грамматикӣ дар сохтани ҷумлаҳои сода, ҳамчунин таснифоти ҷумлаҳои сода мусоидат хоҳанд кард.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи доктории Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар мавзуи «Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Офаридаев Нарзӣ** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ;

– **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-методии Филиали донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ «МИСИС» дар шаҳри Душанбе;

– **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологи,
узви шурои диссертатсионӣ Мирзоева М.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.Б.

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

«12» июли соли 2025.